Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10. – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод гардидааст.**

Таваҷҷуҳ ба марҳилаҳои тараққиёти муносибҳои иқтисодию иҷтимоӣ, мушоҳидаи равандҳои рушдёбандаи фаъолияти иноватсионӣ ва моделҳои гуногуни рушди низоми хоҷагидории давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон маълум мегардад, ки дар меҳвари тамоми комёбиҳо ва ҷараёнҳои бо тадриҷ рушдёбанда инсон ва тавоноии пайваста ташаккулёбандаи он меистад. Айни замон, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз авлавиятҳои муҳим, ки дар рушди сифат ва суръати тамоми бахшҳои иқтисодиёт нақши калидиро ишғол карда метавонад, ин мавҷудияти сармояи инсонии «ҷавон» ба шумор меравад. Маълум аст, ки кишвари моро хатари пиршавии аҳолӣ, тамоюлҳои беморшавии бо суръат, коҳишёбии таълиму тадрис ва ғайра таҳдид намекунад. Дар чунин шароит бо истифода аз механизми идоракунӣ, бо мавқеъгирии талаботи рушди инноватсионии бахшҳои гуногуни фаъолият, мо метавонем ба натиҷаи иҷроиши ҳадаф ва вазифаҳои рушди иқтисоди миллӣ комёб шавем.

Муаллиф дар тавсиф ва муаррифии муҳимияти мавзӯи интихобнамудааш муваффақ шудаст, зеро мубрам будани онро бо иқтибосоварии таваҷҷӯҳи давлат ва олимони дохилию хориҷӣ хуб асоснок намуда, назари шахсии худро чунин иброз доштааст «...Дарки нақши калидӣ доштани сармояи инсонӣ ва самаранок истифодабарии он боиси боз ҳам аз худ намудани манфиати зиёди илмӣ-иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дониста мешавад. Манфиатҳои илмии сармояи инсонӣ вобаста ба талаботи иқтисоди инноватсионии муосир дар навовариҳо, ихтироъкориҳо, эҷодкориҳо ва умуман, ҳама он кашфиётҳои илмӣ-амалии инсонҳо дида мешавад. Манфиатҳои иқтисодии он дар ҳолати самаранок истифода намудан ва ба даст овардани фоида ва таъмини афзоиндагии иқтисодиёт дониста мешавад».

Дар воқеъ, ташаккул ва истифодаи самараноки тамоми имконимятҳои сармояи инсонӣ, аввалан аз ташкили идоракунии

мақсадноки он вобастааст, ки муаллиф онро бисёр хуб дарк намуда, вобаста ба ин як таҳқиқоти асарбахши илмию амалиро анҷом додааст.

Дар мавриди шиносоӣ бо сохтори автореферат маълум мегардад, ки муаллиф дар асоси талаботи таҳқиқотии мавзуи интихобнамуда ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳои таҳқиқоти диссертатсиониро пай дар пай, пурманзум, ҳадафмандона ва бисёр фаҳмою беғалат пешниҳод намудааст. Мавзуъ, объекти таҳқиқот ва дигар унсурҳо аз рӯйи мазмун ва мундарича бо ҳам пайвастагӣ доранд.

Муаллиф дар асоси анҷом додани корҳои омӯзишию таҳлилии зиёд бисёр олимона ва бо эътимод хулоса намудааст, ки сармояи инсонӣ бо назардошти тамоми унсурҳои таркибии худ, зерсутуни асосии рушди иқтисодиёт ба шумор рафта, рушди пайваста ва шаклгирии инноватсионии тамоми бахшҳои хоҷагии халқро таъмин менамояд.

Дар авторефати мазкур қайд шудааст, ки сармояи инсонӣ танҳо дар шароите ба талаботи рушди иқтисодиёти инноватсионӣ рақобатпазир буда метавонад, ки агар тамоми унсурҳои таркибии он рушди бо тавозун дошта бошанд. Дар ин радиф унсурҳои мавҷуда бо мақсади ташаккул ва истифодаи донишҳои наву замонавӣ махсус гардонида шаванд (расми 1. С.20).

Дар баробари ин муаллиф бо таваҷҷӯҳ ба вижагиҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ, унсурҳои бо тағйири низоми идоракуниро ошкор намуда, модели идоракунии сармояи инсониро бо назардошти тамоми фарққунандагиҳо ва зернизомҳои он коркард ва пешниҳод намудааст, ки дар расми 3 (с. 23) матраҳ гардидаанд.

Аз нигоҳи арзёбии навоваронаи таҳқиқот дар низоми сармояи инсонӣ, муҳимтар аз ҳама масъалаи «алоқамандии раванди таҳсилот, истеҳсолот, истеъмолот ва омилҳое, ки ба муносибати онҳо дар шароити иқтисодиёти муосир таъсир мерасонанд» ба шумор меравад, ки аз ҷониби муаллиф бисёр хуб таҳлил, тартиб ва мушаххасан пешниҳод шудааст.

Масъалаи дигар, ки арзиши бисёр бузурги илмӣ ва амалӣ дорад, ин арзёбии нақш ва мавқеи сармояи инсонӣ дар низоми хоҷагии ҷаҳон ва ҷумҳурӣ мебошад. Муаллиф дар асоси омӯзиши тамоюли рушди сармояи инсонӣ 25 давлати ҷаҳонро мавриди таҳлил қарор дода, вижагиҳои ҳавасмандгардонии рушди сармояи инсониро дар шароити рушди иқтисодиёти инноватсионӣ коркард ва тавсия намудааст. Илова бар ин муаллиф дар кори худ тамоми нишондиҳандаҳои таркибии муайянкунандаи рушд ва истифодаи оқилонаи сармояи инсониро дар

ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Илова бар ин бо мақсади ошкор сохтани вобастагии мутақобилаи нишондиҳандаҳои таркибии рушди сармояи инсонӣ аз усулҳои таҳлили регрессия (ҷадвали 7 с. 43) ва (ҷадвали 8, с 45) коррелятсия истифода намудааст. Барои таҳияи модели алоқамандии хароҷоти буҷети давлатӣ, ба илм ва инноватсия чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди: X1 – Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ, X2 – ММД бар сари аҳолӣ (сомонӣ), X3 – музди меҳнати миёнаи номиналӣ (сомонӣ) ва X4 – хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф (млн. сомонӣ) – ро истифода карда, коэффисисентҳои коррелятсияи ҷуфт муайян карда шуданд.

Вобаста ба мазмун ва мундариҷаи автореферат маълум мегардад, ки тамоми натиҷаҳои илмию амалии аз ҷониби муаллиф баррасӣ ва пешниҳодшуда дар амал татбиқи худро пайдо намудаанд. Далели асосии ин ба нашр расонидани 2 монография, 34 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ва зиёда аз 53 мақолаҳои дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромадшуда буда метавонанд.

Новобаста аз он, ки диссертатсия дорои сифати илмӣ буда, таткиқот анҷомёфта мебошад, аммо аз нигоҳи муқарриз дорои як қатор носаҳеҳиҳо мебошад, ба монандӣ:

Якум, докторант дар боби аввал, зербоби якум таткиқоти илмиро аз омӯзиши назарияҳои олимон ва муакиқони соҳаи иқтисод истифода намудаст, ки аз ақидаҳои олимон ва муакиқони ватанӣ камтар истифода намудааст.

Дуюм, дар диссертатсияи илмӣ таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба идоранамоии сармояи инсонӣ ва такмилдиҳии он мувофиқ ба дигаргуншавии раванди иқтисодиёт омӯхта шудааст, аммо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон кадоме аз ин таҷрибаҳо муфид аст, докторант пешниҳод накардааст.

Норасоиҳои зикршуда, сатхи назарявӣ, методологӣ ва амалии таткиқоти диссертатсионии Искандарзода Ҳофиз Ҳакимро коҳиш намедиҳад. Дар маҷмӯъ диссертатсия таткиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар пажӯҳиш ва роҳҳои самаранок такмилдиҳии идоракунии сармояи инсониро дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир тавсиф менамояд.

Бо таваҷҷуҳ ба мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсияи Искандаров Ҳофиз Ҳакимович дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти

анҷомдода ба муқаррароти Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) ва талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Муовини ректор оид ба**
**робитаҳои байналмилалии ДДМИТ**
**д.и.и., дотсент** **Сафаров Б.Г.**

*Имзои Сафаров Б.Г.-ро тасдиқ мекунам:*
*Сардори шуъбаи кадрҳо*
*ва корҳои махсуси ДДМИТ* *Мирҷамолов М.А.*

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳриДушанбе, ноҳияи Сино
кӯчаи Наҳимов 64/14,
Тел.: (+992) 985000515
E-mail: bahrom_1975@list.ru

07. 06. соли 2025